***УДК*** *323/324*
***DOI*** *10.24412/2411-1945-2022-4-123-131*

***САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁИ РУКНҲОИ ДАВЛАТДОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ҶАНБАИ СИЁСӢ***

***Абдулло Далер Абдулло****, унвонҷӯи Институти фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, (Тоҷикистон, Душанбе)*

***ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ В ВОССТАНОВЛЕНИЕ СТОЛПОВ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ПОЛИТИЧЕСКИЙ АСПЕКТ***

***Абдулло Далер Абдулло****, соискатель Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ (Таджикистан, Душанбе)*

***THE NATION'S LEADER CONTRIBUTION TO THE RESTORATION OF THE PILLARS OF STATEHOOD IN TAJIKISTAN: THE POLITICAL ASPECT***

***Abdullo Daler Abdullo****, PhD-Student on the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov under the NAST, (Tajikistan, Dushanbe)****E-MAIL:*** *daler1981@list.ru*

*Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ тавассути яке аз иқдомҳои наҷиб – баргардонидани гурезаҳои солҳои ҷанги бародаркуш бозгӯӣ шудааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ин раванд, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи гурезагон", " Дар барои авф", "Дар бораи аз ҷавобгарии ҷинояти озод кардани шахсоне, ки сарҳадди давлатиро ғайриқонуни убур намуда ва мехоҳанд ба ватан баргарданд" тавсиф шудаанд. Ташаббусу ибтикороти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кору пайкори ӯ дар иҷрои ин вазифаи мураккаб ва мушкил ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Нақши боризи воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла барномаи родиоии "Хоки ватан", ки бори аввал 29-уми марти соли 1993 паҳн шуда буд, дар баргардондани гурезагон ба ватан махсус таъкид гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *истиқлолияти давлатӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, гурезаҳои иҷборӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи гурезагон", " Дар барои авф", барномаи родиоии "Хоки ватан"*

*Анализируется вклад Основателя мира и национального единства – Лидера нации Эмомали Рахмона в укрепление государственной независимости посредством возвращения беженцев, оказавшихся на чужбине из-за братоубийственной войны на Родине. Рассмотрены нормативно-правовые акты, регулирующие данный процесс, в том числе законы Республики Таджикистан «О беженцах», «Об амнистии», «Об освобождении от уголовной ответственности лиц, незаконно пересекших государственную границу и желающих возвратиться на Родину». Подробно освещаются инициативы и начинания Президента Республики Таджикистан, его усилия и старания в выполнении этой чрезвычайно сложной и трудоёмкой задачи. Подчёркивается большая роль средств массовой информации, в частности радиопрограммы «Хоки Ватан» («Родная земля»), первая передача которой прошла в эфире 28 марта 1993 года, в возвращении беженцев.*

***Ключевые слова:*** *государственная независимость, Президент Республики Таджикистан, Эмомали Рахмон, вынужденные беженцы, Закон РТ «О беженцах», Закон РТ «Об*

*амнистии», радиопрограмма «Хоки Ватан» («Родная земля»)*

*The article dwells on the contribution into consolidation of state independence on the part of Founder of peace and national unity, Leader of the nation Emomali Rahmon who returned the refugees to the Motherland as they had found themselves in the foreign country because of the fratricidal war at home. The author deals with normative-legal instruments regulating the process in question; the latters include the following laws of Tajikistan Republic: "**On Refugees", "On Amnesty", "On Discharge from Criminal Answerability of the Persons who illegally Crossed the State Frontier and will now to Return to the Motherland**". Initiatives and Initiuations of Tajikistan Republic President, his endeavours and efforts aimed at this extraordinarily complicated and labour concuming goal are elucidated in particulars. Abdullo Daler underscores the great role of mass media, he mentions the radioprogramme "**Hoki Vatan**" ("Native Land") whose first broadcasting took place on March 28, 1993.*

***Key words:*** *state independence, Tajikistan Republic President Emomali Rakhmon, TR law "On Amnesty", broadeast program "Hoki Vatan" (Native Land) forced refugees, TR law "On Refugees"*

Моҳиятан истиқлолияти сиёсӣ заминаи асосӣ барои расидан ба истиқлолияти комили иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, ин ҷанба аз ҷониби олимон бо далелҳои раднопазир собит шудааст.

«Истиқлолият ҳамчун раванди таърихию иҷтимої ва сиёсї хусусияти давомдор дошта, ҳар як марҳилаи он вобаста ба вижагиҳои худ фарққунанда мебошад. Соҳибистиқлол гаштан ин марҳилаи аввали расидан ба мақсади худсозї буда, тавассути хамгироии зичи ҷомеа, талошҳои созанда, рӯҳияи истиқлолхоҳї ба даст омада, тақозо менамояд, ки он ҳамчун арзиши тағйирпазир ва рушдёбанда доимо ҳифз карда шавад. Тағйирпазирии ин раванд аз омилҳои гуногуни дохилї ва берунї, объективї ва субъективї вобаста буда, сафина дар баҳрро мемонад, ки фақат идоракунии дуруст метавонад онро аз фалокат наҷот диҳад» [1,86].

Аз ин бармеояд, ки то чӣ андоза ҳамвор будани масири расидан ба ин ҳадафҳо аз нуфузу мартаба, садоқат ба арзишҳои милливу давлатӣ, мардуммеҳварӣ ва одамияти сарвар вобаста аст. Маҳз ҳамин омил нақши таърихии дилхоҳ роҳбарро дар марҳилаи ҳассос ба маъраз гузошта, барои ташаккули ҷомеа замина фароҳам меорад.

Садҳо далел мавҷуданд, ки маҳз дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ шудани умури сарварӣ марҳилаи сифатан нави рушди миллату давлатҳоро таъмин кардааст. Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки мақом ва манзалати асосгузорони давлатҳои миллӣ, ба мисли Пешвои миллат ва ё Падарон-асосгузорони давлатҳо дар таҷрибаи ҳуқуқӣ ва давлатдории кишварҳои мутамаддин собиқаи нек ва эътирофшудаи худро дорад. Эътирофи чунин фарзандони таърихӣ ва ҳимояи роҳ ва сиёсати созандаи онҳо мутобиқ ба табиати давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоист.

Муттаҳид шудан атрофи шахсиятҳои созандаи таърихӣ аз сифатҳои муҳими ҷомеаҳои пешрафта ва давлатҳои рушдёбанда мебошад. Имрӯз таърихи давлати соҳибихтиёри тоҷикон собит намуд, ки халқи мо дорои чунин Пешвои комилан мардумист. Аз ин хотир, муттаҳидию сарҷамъии халқамон атрофи Роҳбари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат гарави сулҳу субот ва рушди ҷомеаи Тоҷикистон аст.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Рустам Ҳайдаров "Таҷрибаи давлатдории навини тоҷик нишон дод, ки бо фаъолияти пурсамари сиёсӣ ва байналмилалии худ Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон меъмори аслӣ ва сипари боэътимоди Истиқлоли давлатии Тоҷикистон аст. Президенти азизу маҳбубамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI Шӯрои

Олии Тоҷикистон, дар замони барои ҷумҳурӣ ниҳоят вазнин, Роҳбари давлат интихоб гардиданд ва аз рӯзҳои нахустин дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ роҳеро пеш гирифтанд, ки тавассути он қадам ба қадам кишварро аз ҳолати буҳронӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ берун карда, ба маҷрои сулҳу ваҳдат ва пешрафт роҳнамо сохтанд. Ин нуктаро бори дигар бояд таъкид кард, ки дар дифои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми босазо гузоштанд" [2,110].

Имрӯз рисолати таърихии тоҷику тоҷикистониён аст, ки Ватан ва Давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро ба ояндаи миллат чӣ гуна ба мерос мегузорем. Дар раванди пуртазоди ҷаҳонишавӣ, вазъи мураккаб ва ҳассоси сиёсиву иҷтимоии ҷаҳон, бархӯрди манфиатҳои геополитикии кишварҳои абарқудрат ягона роҳи нигоҳдории миллат ин ваҳдати миллӣ, суботи сиёсии кишвар ва ягонагии давлату халқ мебошад. Бо дарки масъулият ва бидуни муболиғаву тамаллуқ метавон гуфт, ки ягона манбаъ ва рамзи сулҳу ваҳдат, оромиву суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари давлат ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Ба ақидаи доктори илмҳои фалсафа Ҳайдаров Р.Ҷ. "таҷрибаи бунёди давлатдории миллии Тоҷикистон  як ҳақиқати кулро тасдиқ мекунад, ки агар дилхоҳ ҷомеа дорои омилҳои зерини дохилӣ аз қабили ризояти миллӣ, иттиҳоди неруҳои пешрафта ва созанда дар атрофи як Пешвои миллӣ бошад, ҳар миллат метавонад манфиатҳои миллии худро ҳифз ва ҳаёти пурсаодатро барои наслҳои  оянда таъмин намояд. Пешвои мо миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дорои иродаи қавии сиёсӣ, барои ба вуҷуд омадани ин омилҳо тамоми шароитро фароҳам овардаанд [3,141-142]"

Зиёда аз 1000 сол пеш, бо фанои давлати  Сомониён ташаккули халқи тоҷик низ анҷом ёфт. Асрҳои зиёд гузаштанд,  аммо тоҷикон то асри XX дигар давлати худро надоштанд. Вақте ки Давлати Шӯравӣ таъсис ёфт, Тоҷикистон як шохаи ин давлат шуд. Дар охири соли 1991 кишварамон соҳибистиқлол гардид, вале чанде нагузашта ҷанги бародаркуш шурӯъ гардида, то соли 1997 давом кард. Мутахассисон ва коргарони таҷрибадор ҷумҳуриро тарк намуданд. Дар муассисаҳо, заводу фабрикаҳо ғоратгарӣ сар шуд ва дар муддати кӯтоҳ кишварамон ба кишвари аз ҳама камбизоат мубаддал гашт. Мамлакат бесоҳиб монд, ҳифзи миллату давлат зери суол буд.

Офтоби бахти тоҷику тоҷикистониён тулӯъ карду моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Сарвари давлат интихоб гардиданд. Ӯ аз байни мардуми заҳматкаш баромада, қадри одаму тақдири миллатро ба қалбашон пайвастанд. Таърих, замона ва ҳаводиси рӯзгор намунаи олии чунин шахсиятро, ки дар вазнинтарин лаҳзаҳои таърихӣ имтиҳони ҳастии миллатро, бо бардошти бори амонати давлатдории тоҷикон ба дӯш гирифт, ба мо муаррифӣ кард. Ӯ вазифа ва рисолати таърихии хешро назди таърих ва миллаташ иҷро кард.

Оғози давлатдории  муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба давраи мураккабу душвори гузариши кишвар аз як сохт ба сохти дигар рост омада буд. Яъне, дар ин айёми басо ҳассос ва тақдирсоз Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи  ташаккули давлатдории нав, шароити сангини ҷанги шаҳрвандӣ, харобиҳои баъд аз ҷанг ва душвориҳои дигарро паси сар мекард. Ба бахти тоҷику тоҷикистониён Эмомалӣ Раҳмон, сарфи назар аз ҷавонии худ, дар ҷодаи сиёсат аз ин ҳодисаву воқеаҳо аз душвортарин шароиту вазъият бо сарбаландӣ берун омаданд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи Иҷлосияи XVI  Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри таҳкими истиқлолияти давлатӣ нақши бориз доранд. Қабули онҳо аз аввалин иқдомоти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Роҳбари давлат ба ҳисоб рафта, зимни пажӯҳиши неъмати бебаҳо - соҳибистиқлолӣ ва саҳми Пешвои миллат дар тақвияти

он ба ҳеҷ ваҷҳ набояд сарфи назар гардад. Эътироф бояд кард, ки маҳз ҳамин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тоҷику тоҷикистониён ва ҷомеаи ҷаҳониро ба фардои неки ин миллати куҳанбунёд дилпур намуда, боиси таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба ҳокимияти конститутсионӣ бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардиданд.

Дар қатори 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот, иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» - ро қабул намуд, ки асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла, ба гурезаҳои ба макони доимии зисташон баргардонидашуда интиқоли ройгони аҳли оила ва молу амвол кафолат дода шуд. Меҳвари мақолаи мазкур қарор гирифтани моҳияту зарурият ва натиҷаҳои татбиқи ин қонун рамзӣ буда, дар ин замина яке аз омилҳои таҳкимбахши истиқлолияти давлатӣ таҳқиқ шудааст.

“Далелу рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки солҳои 1992-1993 сокини зиёди кишвар хонаю кошонаи худро тарк намуда ё дар дохили мамлакат ҷои зисти худро тағйир доданд ва ё ҷумҳуриро тарк карданд. Тавре аз маълумоти ба ин масъала рабтдошта бармеояд, 1 июли соли 1992 шумораи фироriён 83000 кас буд. Минбаъд ин раванд тамоюли афзоишро касб намуда, 24 июл ба 133000 нафар расида, дар ибтидои соли 1993 ба таври расмӣ 1 млн. нафар гуреза ба қайд гирифта шуда буд”[4,7].

Вилояти Хатлон, бахусус водии Вахш, дар маркази талошҳои сиёсӣ ва даргириҳои хунин қарор гирифт. Дар муддати начандон тӯлонӣ, ки бенизомӣ, бесарусомонӣ, беқонунию беҳокимиятӣ ҳукмрон буд, бар асари ҷангу ҷидол ва задухӯрдҳои бемаънӣ ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ чунон хисороте расид, ки мислашро мардуми мо надида буд. Рустоҳои мо он қадар хароб нашуда буданд, ки таи ин чанд моҳ шуданд. Гуфтан кофист, ки дар натиҷаи муноқиша ва амалиётҳои ҷангӣ ҳазорҳо хонаҳои истиқоматӣ, иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳангӣ, муассисаю корхонаҳо хароб, валангор, ба хок яксон, ғорат ва талаю тороҷ шуданд.

Теъдоди онҳое, ки барои наҷот додани ҷони хеш аз Ватан фирорӣ гаштанд, ба садҳо ҳазор нафар расид. Водии Вахш, ки ҳафтод - ҳаштод сол муқаддам бо заҳмати миёншикан, бо устуворию матонати ҳайратовари намояндагони тамоми маҳаллу манотиқи ҷумҳурӣ ободу корам ва шукуфон шуда, бо номи «водии тиллоӣ», «водии меҳру муҳаббат» шуҳрати хоса касб карда буд, ба саҳрои ваҳшоният ва маъвои бераҳмию бешафқатӣ табдил ёфт. Ҳодисаҳое, ки ба амал меомаданд, барои воситаҳои ахбори оммаи бархе аз кишварҳои хориҷӣ барои паҳн намудани ҳама гуна дурӯғ, буҳтон, овозаҳои беасос ҷиҳати бадном ва ҳамчун як қавми маҳалгарою миллаткуш «машҳур» намудани тоҷикон «ғизо» медоданд.

«Бар асари ҷанги бародаркуш дар ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ 17000 хона хароб шуда буд. Масалан дар ноҳияи Бохтар (ҳоло Кӯшониён) аз 45 деҳа 32 деҳа пурра аз байн рафта, зиёда аз 6400 хона ба коми оташ кашида шуд. Бар асари ин фоҷиа китобхонаҳо, клубу мағозаҳо, кӯдакистону хонаҳо, хизматрасонии маишӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, мактабҳо ва ғайра осеби ҷиддӣ диданд [5,23].

Мақсади асосии интихоби Сарвари нави давлат дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон он буд, ки мебоист дар он вазъи барои кишвар хеле мураккабу ноором нахуст гурезаҳоро баргардонида, сохторҳои фалаҷгардидаи давлатиро барқарор, волоияти қонунро таъмин ва ҷанги шаҳрвандиро хотима бахшад.

Дар нахустин савганде, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Роҳбари давлат ёд карданд, гуфтанд: «…кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам. Мо ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъиятро ором намоем.…То он даме ки охирин гурезаро аз Афғонистон ба Тоҷикистон бознагардонам, ман осуда буда наметавонам»[6,43].

Таърихи давлатҳо ва тамаддунҳои гузашта собит месозад, ки шахсиятҳо дар густариш

ва пойдории онҳо нақши ҳалкунанда дошта, маҳз қудрати роҳнамоӣ ва идоракунии онҳо тавонистааст инсониятро ба дараҷаи камолот расонида, ҷавҳар ва асолати офарандагиро тамаддуни инсонӣ ато намояд. Маҳз ҳамин вижагиро инсоният дарк намуда, доимо дар раванди зиндагӣ ва фаъолияти ҷамъиятии худ ниёз ба роҳбаладии шахсе дорад, ки қодир аст, онҳоро ба соҳили мурод расонад.

Барои расидан ба яке аз ҳадафҳо – баргардонидани гурезаҳо таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ин раванд зарур буданд. Дар навбати аввал моҳи июли соли 1992 Департамент оид ба гурезагон дар назди Вазорати меҳнат ташкил шуда, соли 1993 ба Сарраёсати кор бо гурезагон ва муҳоҷирони дохилӣ табдил дода шуд.

Бо ташаббуси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезагон» фармонҳои Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ќонунњои Љумњурии Тољикистон «Дар бораи авф», «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани шахсоне, ки сарҳади давлатиро ғайриқонунӣ убур намуда ва мехоҳанд ба Ватан баргарданд» идомаи мантиқии ин раванд мебошад. Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезагон» ва қарори дахлдори Ҳукумати мамлакат соли 1993 барои интиқоли хонаводаҳои муҳоҷирони иҷборӣ ба маҳали зисти доимӣ ва пардохти кумакпулӣ ба онҳо 1,8 млрд. рубл харҷ гардид.

Рӯйдоди муҳим Муроҷиатномаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи ҳамватанони бурун аз марзи кишвар маҳсуб меёбад, ки 16-уми январи соли 1994 ироа гардид. Дар он аз ҷумла омадааст: «Ҳама муштоқи дидори шумоянд ва бовар доранд, ки шумо имрӯз ё фардо хоҳед баргашт, дасти бародарони худ хоҳед гирифт ва Ватани ниёгони хешро обод, чароғи хонаи падариро равшан хоҳед кард... Азизон, тоҷикон як Ватан доранд, вазифаи ҳамаи мост, ки онро азиз дорем ва ободаш кунем»[7,119].

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи бозгардонидани гурезаҳоро дар музокироти сулҳи тоҷикон ҳам яке аз масъалаҳои афзалиятнок дониста, ба ҳайати ҳукуматӣ супориш дода буданд, ки ин масъаларо дар маркази диққат қарор диҳанд. Ин аст, ки дар даври якуми музокироти тоҷикон, ки аз 5 то 19-уми апрели соли 1994 дар шаҳри Москва доир гардид, масъалаи мазкур авлавият буд. Далели ин гуфта дар интиҳои марҳилаи якуми музокироти байни тоҷикон дар шаҳри Москва ба имзо расидани «Протокол дар бораи ташкили Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ аз Тоҷикистон» мебошад.

Ба шарофати таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат ба ин масъала дар давраҳои дуюм, чорум ва шашуми музокирот вобаста ба зудтар баргардонидани ҳамватанони мо аз хориҷи кишвар санадҳои дахлдор қабул шуданд. Ҳодисаҳои охири ҷаҳони муосир бори дигар собит намуданд, ки баргардонидани беш аз 1 млн. гуреза ва муҳоҷирони иҷборӣ, таъмини онҳо бо ҷои зист кори осон нест.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то ҳадде ба ин масъала муносибати дилсӯзона доштанд, ки дар яке аз мусоҳибаҳои аввалини худ аз он нигаронӣ карданд, ки: «Зиёда аз 30000 нафар фирориён сарҳадро убур карда, ба қаламрави Давлати Исломии Афғонистон гузаштаанд. Тибқи маълумоти расида, силоҳбадастон фарзандони гурезаҳоро бо яроқу аслиҳа иваз мекунанд, занону духтаронро дастаҳои мусаллаҳи афғонҳо зӯран мебаранд»[8,233].

Дар робита ба ин муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 8 сентябри соли 1995 таъкид намуданд: «Ҳамчун Президент, ҳомии Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон... дар андешаам, ки бо роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва созмонҳои љамъиятӣ вохӯрда, ба фикру андешаҳои онҳо шинос шавам. Ман ба онҳо гуфтан мехоҳам, ки ба Ватан баргардонидани ҳамаи фирориён мақсади стратегии мо, зиёда аз он, тақозои нангу номуси ватандории мост»[9,321].

Бидуни муболиға ва тамаллуқ метавон гуфт, ки иқдоми муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бозгардонидани гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ беназир буда, моҳиятан қаҳрамонии бемислу монанд аст.

Дар он давра бо ҳидояти Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Талбак Садриддинов ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сафар намуда, даъвати Ҷаноби Олӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонро ба мардуми гуреза расонанд ва дар амалӣ гаштани ин иқдоми ватандӯстонаи Сарвари давлат дар бобати баргардонидани ҳамватанони берун аз Ватан қарордошта иштирок намоянд.

Фарзанди Талбак Садриддинов собиқ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло раиси ноҳияи Кубодиён) Бадриддин Садриддинов дар Иҷлосияи дуюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум, зимни баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» гуфта буд, ки сарфи назар аз душвориву мушкилот, танҳо бо заковати баланди хеш, нотарсӣ ва матинииродагии ба худ хос муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар муҳлати аз нигоҳи таърих кӯтоҳ Тоҷикистони азизро аз вартаи ҳалокат наҷот бахшад, мардуми парешонро сарҷамъ намояд, садҳо ҳазор гурезагонро ба Ватани аҷдодӣ баргардонад ва умеди сокинони кишварро баояндаи нек ва сулҳу оромии Ватан пайдо намояд.

Номбурда аз ҷумла ёдовар гардид, ки «Воқеаҳое, ки дар минтақаҳои ҷануби кишвар, аз ҷумла ноҳияҳои Қубодиён, Шаҳритус ва Носири Хусрав он солҳо рух доданд, боиси гуреза гардидани шумораи зиёди одамон шуданд. Банда ва пайвандонам, ки зода ва сокинони ин мавзеъ мебошем, аз ин ҳодисаҳо берун набудем. Ҳодисаҳои солҳои 1992 пайвандонамро низ маҷбур намуд, ки берун аз Ватан шаванд, номи гурезаро дар хоки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гиранд. Садҳо нафар ҳамватанон, аз ҷумла пайвандони ман, дар ғарибӣ наздикони худро дафн намуда, пораи дили худро абадӣ дар он макон гузоштанд. Ҳамзамон дар ин рӯзҳои вазнини дур аз Ватан дар дили мардуми кишвар шуълаи умед пайдо гардид, ки Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба минтақаҳои ҷангзада сафарҳои корӣ намуда, тамоми кӯшишу ғайрати худро барои ҳар чӣ зудтар ба макони зист баргардонидани гурезагон, барқарор кардани манзилҳои харобгардидаи онҳо, муассисаҳои таълимиву тиббӣ ва корхонаҳо равона намуданд»[10].

Шоистаи арҷгузорист, ки Президент дар сафарҳои худ ба ин ноҳияҳо бо мардум суҳбат намуда, бо шеваи хосе, ки мансуб ба ӯст, мардумро муътақид карданд. Баъд аз ин сокинони ноҳияҳои Қубодиёну Шаҳритус гурезаҳоро пайдо карда, даъват ба амал меоварданд, ки ба ҷойҳои зисташон баргарданд. Қобили зикр аст ки мухолифони бозгашти фирориён на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Афғонистон ҳам зиёд буданд. Роҳбарони Иттиҳодияи мухолифини тоҷик ба ҳар роҳу восита аз бозгашти фирориён ба Тоҷикистон монеъ мешуданд, онҳоро аз пайомади ин бозгашт ҳушдор медоданд. Дар маҷмӯъ, бозгардонидани гурезагон аз Афғонистон ба масъалаи номус ва иззати миллат табдил ёфта буд.

Бегуфтугӯ, маҳбубияте, ки имрӯз Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар миёни мардуми кишвар, хусусан сокинони ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён ва Носири Хусрав доранд, маҳз натиҷаи заҳматҳои дар тӯли ин солҳо баҳри ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва ободии сокинони Тоҷикистон анҷомдодаи Ҷаноби Олӣ мебошанд.

Табиист, ки дар муассир ва судовар будани дилхоҳ иқдом нақши воситаҳои ахбори омма бориз аст. Вобаста ба ин месазад аз саҳми барномаи радиоии «Хоки Ватан» дар баргардонидани гурезаҳо ёдовар шавем. Ин барномаи 29-уми марти соли 1993 аввалин бор пахш шуд. Муҳим он аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тариқи ин барнома ба гурезагон муроҷиат намуданд ва хеле самимона бо муҳаббату ихлос гуфтанд: «Ман ба шумо кӯҳи

тилло ваъда намедиҳам. Вале як бурда ноне, ки дорем, бо ҳам мебинем»[11,156].

Дар китоби муҳаққиқи радио ва телевизион С. Хоҷазода «Таърихи радиои Тоҷикистон» дар ин бобат маълумоти ҷолиб ҷамъоварӣ шудааст. Шояд аксарият надонанд, ки «соли аввали фаъолият аз тариқи ин барнома 30000 мактуби гурезагон ва 20000 мактуби сокинони Тоҷикистон ба хешу таборашон, ки бо амри тақдир дар ғурбат қарор доштанд, қироат гардид. Дар маҷмӯъ, дар барномаи «Хоки Ватан» аз соли 1993 то декабри соли 1996 дар ҳудуди 60000 шаҳрванди Тоҷикистон ба хешу ақрабои худ дар Афғонистон муроҷиат намуданд, 50000 нафар аз Афғонистон ба ҳамватанони худ дар Тоҷикистон бо нома муроҷиат кардаанд. Аз тариқи радио 200000 мактуб қироат шудааст, 150 барнома бо иштироки намояндагони созмонҳои байналмилалї ва аъзои Комиссияи оштии миллӣ нашр гардидааст, ки ба гурезагон муҳтавои қонунгузории Тоҷикистонро дар бораи гурезагон шарҳ додаанд. 750 намояндаи сохторҳои гуногуни ҳукуматӣ аз тариқи ин барнома мушкилиҳои пайдошударо вобаста ба қонунгузорӣ ва дигар масъалаҳои ҷойдошта шарҳ додаанд, 400 барномаи ин радио ба пахши репортаж аз маҳалли иқомати гурезаҳо, 800 барнома оид ба ҷараёни баргашт ва ҷойгиршавии гурезаҳо ва 750 барнома оид ба суҳбати шоиру нависандагон ва олимон бахшида шуда буд»[12,37].

Бардошт аз пайгирии масъалаи меҳварии матлаб – баргардонидани гурезаҳо, ки яке аз ҳазор корнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад, он аст, ки қавлу амали ин фарзанди фарзоани миллат як аст.

Ин абармард, дар замоне, ки аксарият умедашонро ба фардои нек батамом аз даст дода буданд, ба талошу мубориза бархостанд ва собит сохтанд, ки миллате чун тоҷикон бо таърихи тӯлониву пурифтихор ва нақши арзишманд дар тамаддуни башарӣ наметавонад бо мудохилаи доираҳои манфиатхоҳи хориҷӣ дар гирдоби иғвоангезиҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ нобуд гардад.

Пешвои миллат бо фаъолияти қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоиш собит карданд, ки ба даст овардани истиқлолият метавонад умумият ва ҳамгироии миллатро таъмин намояд. Дар ин замина баръало муайян гардид, ки миллатсозӣ ва давлатсозӣ бо ҳам тавъам мебошанд. Набояд сарфи назар кард, ки болоравии ҳисси худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ идомаи мантиқии ин раванд маҳсуб шуда, ба таҳкими давлатдории миллӣ мусоидат менамояд. Маҳз арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу давлатӣ, садоқат ба муқаддасоти эътирофшуда, аз даст надодани зиракии сиёсӣ, бетарафиро ихтиёр накардан кафолати комёб будани мо дар умури давлатдорист.

Кору пайкори номбурда, аз ҷумла ибтикори беназир дар мавриди баргардонидан гурезаҳо ба таҳкими истиқлолияти давлатӣ таҳрик бахшида, кишварро аз ҳолати беҳокимиятӣ, номуайянӣ баровард. Ҳарчанд ки ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ раванди бисёр вазнину сангин ва тӯлониву пурмашаққат буда, хушбахтона, бо ҷаҳду талоши муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқи Тоҷикистон дар роҳи эъмори давлати муосири демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ комёбем.

### ***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Хидирзода М.У. Таҳкими истиқлолият ва хусусиятҳои ташаккули ниҳоди Пешвои миллат дар Тоҷикистон//Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди I. – Душанбе, 2021. –С.86-93*
2. *Ҳайдаров Р.Ҷ. Низои шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон: сабабҳо ва омилҳои асосӣ // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. –№3. –С.105-111*
3. *Хайдаров Р.Дж. Национальное единство – основа сохранения государственного суверенитета в период глобализации // Известия Института философии,*

*политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. – 2020. – №4. – С.138-143.*
4. *Рашидова У.М. Исторический опыт решения проблемы беженцев и внутренних переселенцев в Республике Таджикистан (1992-2007 гг.): автореф дисс. кинд.ист.наук. – Душанбе, 2011. – 24 с.*
5. *Отчет ООН по человеческому развитию. – Бишкек, 1995. – 78 с.*
6. *Мурочиати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми Тоҷикистон, 12 декабри соли 1992//Истиқлолияти Тољикистон ва эҳёи миллат.Ҷ.1.-Душанбе: «Ирфон».- 2001.-439 с.*
7. *Мурочиатномаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи ҳамватанони бурун аз марзи кишвар, 16-уми январи соли 1994// Истиқлолияти Тољикистон ва эҳёи миллат.Ҷ.1.-Душанбе: Ирфон.- 2001.-439с.*
8. *Раҳмонов Э. Давлат аз иттифоқ хезад. Мусоҳибаи муҳим//Истиқлолияти Тољикистон ва эҳёи миллат.Ҷ.1.-Душанбе: Ирфон.- 2005.-512с.*
9. *Раҳмонов Э. Муттаҳидӣ-гарави пешрафт ва шукуфоии Ватан. Суханронӣ дар таҷлили ҷашни чорсолагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 сентябри соли 1995//Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат.Ҷ.1.-Душанбе: «Ирфон».- 2005.-512с.*
10. *Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат қонуни мукаммал қабул намуданд//URL: https://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/vakiloni-ma-lisi-namoyandagoni-ma-lisi-olii-um-urii-to-ikiston-dar-borai-asosguzori-sul-u-va-dati-mill-peshvoi-millat-onuni-mukammal-abul-namudand/(санаи мурочиат 14.11.2022)*
11. *Раҳмонов Э. Мурочиати телевизионӣ ба мардуми Тоҷикистон. 1 июни соли 1993 // Истиқлолияти Тољикистон ва эҳёи миллат.Ҷ.1.-Душанбе: Ирфон.- 2005. -512с.*
12. *Хоҷазода С. «Таърихи радиои Тоҷикистон». –Душанбе.- 2006. 144с.*

**Reference Literature:**

1. *Hidirzoda M.U. Consolidation of Independence and Peculiarities of the Formation of Nation's Leader Institute in Tajikistan, Emomali Rahmon's Statehood School: Issues of Formation and Development, Volume I, Dushanbe. 2021.-pp.86-93*
2. *Haydarov R.Dj. Grandiose Conflicts in Tajikistan: Major Reasons and Factors// Bulletin of the Institute of Phylosophy, Politology and Jurisprudence named after A.Bahovaddinov under the National Academy of Sciences of Tajikistan. 2020, #3. – pp. 105-111*
3. *Haydarov R.Dj. National Unity as a Basis of State Sovereignty Retainment in the Period of Globalization // Tidings of the Institute of Phylosophy, Politology and Jurisprudence named after A.Bahovaddinov under the Nation Academy of Sciences of Tajikistan. 2020, #4.- pp. 138-143*
4. *Rashidova U.M. The Historic Experience of the Decision of the Problem of Refugees and Internal Migrants Resettlers in the Republic of Tajikistan (1992-2007). Synopsis of the candidate dissertation in history. – Dushanbe. 2011. - 24pp.*
5. *UNO Report on Human Development. – Bishshek. 1995.- 78pp.*
6. *The Appeal of the Chairman of TR Supreme Council to the People of Tajikistan. December, 1992// Independence of Tajikistan and Nation's Revival. Volume 1. – Dushanbe: Cognition. 2001.- 439pp.*

7. *The Appeal of Reverend Emomali Rahmon to all Compatriots Residing in Foreign Countries. January 16, 1994 // Independence of Tajikistan and Nation's Revival. Volume 1.-Dushanbe: Cognition. 2001.-439pp.*
8. *Rakhmonov E. Unity as State Foundation. The Important Interview // Independence of Tajikistan and Nation's Revival. Volume1. – Dushanbe: Cognition. 2005.-512pp.*
9. *Rahmonov E. Cohesion as a Pledge of Development and Efferensce of the Motherland. The Speech Made at the Sitting Dedicated to the Fourth Anniversary of Tajikistan Republic Independence on September, 1995// Independence of Tajikistan and Nation's Revival. Volume 1. Dushanbe: Cognition. 2005.- 512pp.*
10. *The Representatives of Majlisi Namoyandagon Majlisi Oli of Tajikistan Republic on the Founder of Peace and National Unity. Th Leader of the Nation Validated the Fateful Law Proclaiming Peace and National Unity. // URL: https://sadoimardum.tj/majlisi-oli/vakilonimajlisi-namoyandagoni-majlisi-olii-um-urii-tojikiston-dar-borai-asosguzori-sulhu-vahdati-mili,-peshvoi-millat-konuni-mukammal-abul-namudand.(Date of appel: 14.11.2022)*
11. *Rahmonov E. Teleappeal to the People of Tajikistan on June 1, 1993// Independence of Tajikistan and Nation's Revival. Volume 1. Dushanbe: Cognition. 2005.-512pp.*
12. *Khodjazoda S, "The History of Tajikstan". Broacasting/ Dushanbe. 2006.-144pp.*